# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии дувум ба диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Таҳқиқу баррасии масъалаҳои марбут ҷанбаҳои ҳунарии шеър тайи солҳои охир ба яке аз самтҳои муҳими пажуҳишҳои адабиётшиносии тоҷик мубаддал гардидааст. Таваҷҷуҳи бештари аҳли таҳқиқ ба масоили мазкур имкон фароҳам меоварад, ки мақом ва ҷойгоҳи ҳунарии суханварон ва саҳми назарраси онҳо дар таҳаввулоти адабӣ муқаррар ва арзишҳои адабиву бадеии осори манзум ва мансур зиёдатар мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар ин росто, барои таъйини маҳорати ҳунарии шоирон шаклу шеваҳои мухталифи таҳқиқ рӯи кор ҳам омадаанд, ки мутобиқи онҳо муҳаққиқон кӯшида истодаанд, то ҳунари шоирии суханваронро на танҳо дар осори ғиноӣ, балки дар достонҳои ҳамосӣ бар асоси таъйини дидгоҳҳои адабии онҳо, шинохти саҳм ва мақомашон дар офариниши симоҳои бадеӣ, аносири сохтории шеър, чун авзону радифу қофия, корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, сувари хаёл, ибтикорот дар такмили ҷанбаҳои забонии ашъор ва амсоли ин муқаррар намоянд. Ин равиши таҳқиқро дар чандин рисолоту пажӯҳишҳое, ки солҳои охир дар заминаи баррасии арзишҳои адабии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, маснавиҳои Саноӣ, Аттор, "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно, маснавиҳои Авҳадии Мароғаӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон анҷом ёфтанд, дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ метавон ба мушоҳида гирифт. Ҳарчанд дар ин замина роҷеъ ба ҷанбаҳои адабиву бадеии "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ дар адабиётшиносии

кишварҳои ҳамзабон ва ховаршиносии муосир пажуҳишҳое рӯи кор омадаанд, вале ба таври куллӣ муқаррар мешавад, ки ҳанӯз як таҳқиқи мустақилу мукаммал дар самти муайян кардан маҳорати ҳунарии ин суханвари мумтоз дар достонсароӣ ва такмили аносири бадеии осори манзуми ҳамосӣ ба қалам наомадааст. Аз ин рӯ,диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») аз ҷумлаи яке аз аввалин таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад, ки баҳсу баррасии маҳорати шоирии ин суханварро дар асоси ду маснавии ӯ фаро мегирад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, ҳашт зерфасл, хулосаву феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, тамоми матолиби он дар ҳаҷми 189 сафҳаи чопи компютерӣ ҷой гирифтааст.

Дар муқаддима диссертант роҷеъ ба мубрамияти масъалаи мавриди таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсаду вазифаҳо, равишҳо ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариву амалии диссертатсия, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ тавсияшаванда, саҳми шахсии муаллиф дар пажӯҳиши матолиби меҳварии таълифот мулоҳизоти хешро баён намудааст.

Боби аввали диссертатсия – "Назари Низомии Ганҷавӣ ба сухан, шеъру шоирӣ ва эҷоди бадеӣ" – унвон дошта, маҷмӯи масоили мавриди пажӯҳиш дар ду фасл ҷой гирифтаанд.

Дар заминаи мутолеа ва баррасии ин қисмати диссертатсия маълум мегардад, ки нахуст муаллиф барои таъйини ҷойгоҳ ва мақоми сухан дар қаламрави шеър ва афкории адабии халқҳои олам ба сарчашмашиносии мавзуъ руҷуъ намуда, дар баробари тафсири маънои луғавии он дар фарҳангҳо накду назари донишмандону ҳакимон ва мутафаккирони Шарқу Ғарбро меоварад. Бар асоси чунин шеваи баррасӣ баъдан пажуҳиши масъалаи мазкурро аз дидгоҳи Низомӣ идома медиҳад.

Таҳқиқи ба поёнбурдаи диссертант дар заминаи масъалаи сухан ва суханварӣ аз дидгоҳи Низомӣ муқаррар намудааст, ки ин суханвари сухашинос дар маснавии “Ҳафт пайкар”-и хеш боберо ба ситоиши сухан ва ҳикмату андарз ихтисос дода, суханро ба куҳнаву нав тақсимбандӣ кардааст. Манзур аз куҳан будани сухан ин ҷо ҳамоно ишорат қадимӣ ва яке аз унсурҳои аввалини офариниш дониста шудани он ба шумор меравад. Бинобар таҳқиқи диссертант Низомӣ суханро гавҳар ва ёдгори бузурге аз инсон медонад, ки боқӣ мемонад ва номашро ба ҷовидонаҳо пайванд мебахшад. Ҳарчанд дар меҳвари таҳқиқот маснавиҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» қарор доранд, аммо дар таъйини дидгоҳҳои Низомии Ганҷавӣ роҷеъ ба сухану суханварӣ, шеъру шоирӣ, арзиш ва аҳамияти каломи бадеъ кӯшидааст, ки ба тамоми маснавиҳои ӯ руҷуъ намуда, андешаҳояшро мушаххас баён созад. Мулоҳизаҳои Низомӣ дар бораи шеъру шоирӣ низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд, зеро ӯ мартабаи шоириро пас аз паёмбарӣ гузошта, муҳимтарин рисолаташро дар офариниши маонии бикр ва мазмунҳои тоза муқаррар мекунад. Ҳамин тавр, диссертант барои мушаххас намудани мақоми шоир, ҷойгоҳи шеър дидгоҳҳои Низомиро дар анвоъи мухталифи осори ӯ, аз ҷумла достонҳо ва ғазалиёташ таҳқиқ намуда, накду назарҳояшро дар мавриди шеъри худаш низ баррасӣ кардааст.

Боби дувуми диссертатсия “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин»- у «Лайлӣ ва Маҷнун» унвон дошта, маҷмуи мулоҳизаҳои илмияш дар ду фасл ва чаҳор зерфасл баён шудаанд. Нахуст, ба баррасии сохторшиносии достонҳои мавриди таҳқиқ пардохта, масоиле чун замони таълиф, сабаби иншо, микдори абёт, сарчашмаҳои эҷоди маснавиҳоро ба таври алоҳида баррасӣ кардааст. Дар идома, роҷеъ ба авзони достонҳо, тағироти аркон, мушаддад шудани бархе калимот ба хотири риояи қонунмандиҳои сохтории хеш ва баръакси он аз ҳолати мушаддад берун омадани вожагон, тахфифи калимотро низ таҳқиқ намуда, сабабу омилҳои онро

ҳамчун ихтиёроти шоирӣ муайян ва бо мисолҳои мушаххас аз таркиби достонҳо баён кардааст. Ба андешаи муҳаққиқ, корбурди муваффақонаи ихтиёроти шоирӣ ҳам метавонад як навъ маҳорати эҷодии ӯ бошад, ки онро Низомӣ "чи дар забон ва чи дар вазн моҳирона ба кор бурда, каломашро аз нуқсу халал ва сактаҳои ноҷо эмин доштааст". (саҳ. 40)

Баҳсу баррасиҳои марбут ба қофия ва радиф низ дар диссертатсияи мавриди тақриз ҷолиб сурат гирифтаанд. Диссертант бар асоси пажуҳишҳои анҷомдодаи худ муқаррар намудааст, ки Низомӣ дар достони "Хусрав ва Ширин", 20 навъ ва дар достони "Лайлӣ ва Маҷнун" 18 навъи қофияро ба кор бурдааст. Қофия ба радифҳои ба коргирифтаи Низомӣ дар таъмини мусиқият, эҷоди маъниҳои ноб нақши муассир гузоштанд.

Яке аз падидаҳои муҳиме, ки омил бар муқаррар намудани маҳорати шоирии суханварон мегардад, симоофаринӣ ба шумор меравад. Диссертант маҳорати симоофаринии Низомиро дар ҳашт зерфасл дар мисоли чеҳраҳои марказии ин ду достон- Хусрав ва Маҷнун, Ширину Лайлӣ, Фарҳод ва ба таъбири худи ӯ симоҳои дигар ёридиҳанда нишон дода, нақш ва мақоми ҳар якеро бар асоси воқеаву ҳодисаҳои достонҳои мавриди таҳқиқ дар алоҳидагӣ баррасӣ ва таҳқиқ намудаст. Таҳлили қиёсии симоҳои ҳар ду достон дар мисоли Хусрав ва Маҷнун, Ширину Лайлӣ низ қобили мулоҳиза буда, баёни муқоисавии мулоҳизаҳо дар таҷассуми равшани маҳорати эҷодии Низомӣ барои офариниши ин чеҳраҳои марказӣ нақши муассир гузоштааст. Ба гурӯҳи симоҳои ёридаҳанда дар достони "Хусрав ва Ширин", Шопури Наққош, Баҳроми Чӯбина, Марям, падари Марям- Қайсари Рум, Бузургмеҳр, ҳунармандону овозхононе мисоли Борбад, Накисо, Ширӯя- писари Хусрави Парвез, канизакони Хусрав ва монанди инҳо шомиланд, ки роҷеъ ба аксарияти онҳо диссертант мулоҳизоти хешро баён дошта, маҳорати ҳунарии Низомиро дар офариниши чеҳраҳои мазкур низ бозтоб бахшидааст. Аз пажӯҳиши анҷомёфта маълум мегардад, ки

ҳарчанд симоҳои ёвар дар достони “Хусрав ва Ширин” зиёдтаранд, аммо дар маснавии “Лайлӣ ва Маҷнун” нисбатан камтар ба чашм мерасанд, ки муҳимтарини онҳо падарону модарони Лайлӣ ва Қайс, Навфал, ки хайрхоҳи Маҷнун аст, Ибни Салом, Саломи Омирӣ, Саломи Бағдодӣ ва Зайд мебошанд. Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавқеъ ва мақоми симоҳои мазкур муаллифи диссертатсия кӯшидааст, ки ба мулоҳизоти донишмандону пажӯҳишгарони дигар, аз ҷумла Холиқ Мирзозода, Аълохон Афсаҳзод ва дигарон такя намуда, андешаҳои хешро натиҷагирӣ намояд.

Боби савуми диссертатсия “Корбурди ҳунармандонаи забону баёни бадеъ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ” ном дошта, аз се фасл ва чаҳор зерфасл иборат мебошад. Нахуст, диссертант масъалаҳои марбут ба забони ҳар ду маснавиро ба риштаи таҳқиқ кашида, дар меҳвари баррасиҳои хеш корбурди муродифот, истифодаи мафоҳим ва истилоҳоти нуҷум, сермаъноӣ ва дигар аносири забониро қарор додааст. Дар баробари ин, муҳаққиқ яке аз омилҳои дигари муқарраркунандаи маҳорати шоириро дар шеваҳои корбасти саноеи бадеӣ муқаррар намуда, истифодаи санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, муболиға, талмеҳро ба таври алоҳида дар зерфаслҳои ҷудогона мавриди пажӯҳиш қарор дода, ҷойгоҳи ҳар яке аз ин воситаҳои тасвири бадеиро дар достонҳои мавриди таҳқиқ муқаррар намудааст. Мулоҳизарониҳо дар ин бахши рисола муназзам ва мураттаб сурат гирифта, анвоъи ҳар яке аз саноеи бадеӣ ва нақши онҳо дар ҷараёни маъниофарӣ, тасвирсозӣ, симоофаринӣ ва дигар падидаҳои ҳунарии шеър мушаххас карда шудааст. Масалан, дар ҷараёни таҳқиқи нақш ва мақоми санъати талмеҳ шеваҳои корбурди онро дар достонҳои шоир дар панҷ даста қисмат намуда, ҳамин тавр, талмеҳ шуда омадани шахсиятҳои асотирии мардумони ориётабор, қиссаву ривоёти динӣ, аҷроми самовӣ, тасаввуроти гузаштагони инсоният,ба кор гирифтани рӯйдодҳо ва номи шахсияҳои таърихӣ, номҳои ҷуғрофиро ба таври

алоҳида бо истишҳод аз матни маснавиҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки чунин шеваи пажуҳиш ба афзудани арзиши илмии диссертатсия омил шудаанд.

Дар баробари ин, истифодаи истилоҳоти мусиқӣ ва маъниофариҳо перомуни мафоҳими мазкур низ ҳамчун як шеваи матлуби бозтоби маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ нишон дода шудааст. Дар достонҳои мазкур, хоса дар маснавии “Хусрав ва Ширин”, ки гурӯҳе аз симоҳои ёвари онро аҳли мусиқӣ ба вуҷуд овардаанд, истилоҳоти зиёди мусиқӣ ба кор рафтааст. Аз ҷумлаи ин истилоҳот чанг, самои арғунунӣ, парда, захма, руду ромишгар, най, Хусравонӣ, сӣ лаҳни Борбад, ҷарас, абрешими соз, алҳон ва монанди ин мебошанд, ки аксаран дар достони “ Хусрав ва Ширин” ба кор рафта, дар офариниши мазмунҳои бикр ва маъниҳои шоирона хидмат кардаанд. Ҳамзамон, аз таҳқиқи мавзуии достонҳо диссертант ба хулосае расидааст, ки бештари абёти шоир хусусияти панду андарзӣ касб кардаанд, ки ин аз муҳтавои ғанӣ, фарогирии мазомини фаровони ахлоқиву тарбиявӣ паём расонида, маҳорати шоирии Низомии Ганҷавиро дар офариниши маъниҳои рангин, таҷассуми доираи васеи мавзуот бозгӯӣ мекунанд. Дар ҷараёни баррасии ҷанбаҳои мавзуии маснавиҳои мазкур диссертант муваффақ шудааст, ки маҳорати шоирии Низомии Ганҷавиро дар заминаи маъниофарӣ, мазмунсозӣ нишон додааст, ки маҷмуи баррасиҳои илмии дар ин бахш анҷомдодаи ӯ низ қобили аҳамият мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқоти хеш ба даст овардаи диссертант дар 11 банди назарӣ ва 6 тавсияи амалӣ баён гардидаанд, ки ҳамагӣ аз натиҷагириҳои мушаххас ва дақиқи муаллиф дарак медиҳанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда низ бар асоси меъёрҳои муқарраршудаи феҳристнигорӣ мураттаб гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар диссертатсия баъзе нуктаҳои қобили баҳс ва камбудиҳо ҷой доранд, ки ба эътибор гирифтани онҳо омил ба афзоиши ҳусни илмии кор хоҳад буд:

1. Дар бахши дараҷаи омӯхташавии мавзӯъ на ҳамаи пажӯҳишҳҳои муҳими донишмандони низомишинос тасвиф шудаанд. Аз ҷумла, соли 1990 маҷмӯаи мақолоти кунгураи ҷаҳонии бузургдошти нуҳсадсолии Низомии Ганҷавӣ ба нашр расидааст, ки дар он дар баробари мақолоти дигар чанд нигоштаи донишмандон бевосита ба масоили сувари хаёл, тасвирсозӣ ва амсоли ин ихтисос доранд, ки истифода аз онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

2. Дар оғози фаслҳои аввал ва дувуми боби аввали диссертатсия руҷуи диссертант ба масъалаи шарҳи луғавии вожаи сухан дар фарҳангномаҳо, сухан ва суханварӣ аз дидгоҳи мутафаккирони гузашта, назари шоирон роҷеъ ба сухан, афкори адабии Арасту ва дигарон то андозае изофӣ ба назар мерасад, чун тавре худи ӯ таъкид мекунад, ин масъалаҳо аз сӯи аҳли таҳқиқ зиёд баррасӣ шудаанд ва зарурати руҷуъи бештар ба онҳо боқӣ намемонад.

3. Ба мушоҳида мерасад, ки баъзе фаслҳои таркиби бобҳои рисола як навъ ҷамъбаст нашудаанд. Хуб мебуд, ки диссертант фаслҳоро, ки ҳар яки онҳо як масъалаи меҳварии таҳқиқотро фаро мегиранд, навъе натиҷагӣ намояд.

4. Диссертант масъалаи маҳорати ҳунарии Низомиро асосан дар доираи ҳунари симоофарӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ, корбурди истилоҳоти мусиқӣ баррасӣ намудааст. Ҳарчанд бархе аз таркибҳои сохтаи шоиронаи Низомӣ ба ҳукми истиораҳо баррасӣ шуда, мулоҳизоте роҷеъ ба баъзе аз вежагиҳои забонии достонҳо, аз ҷумла таркибсозӣ баён гардидаанд, вале ба гумони мо маҳорати суханварии шоир дар эҷоди чунин таъбирҳои шоирона, хосатан вожагони мураккаб, ки яке аз сарчашмаҳои муҳими чун навъи калимасозӣ дар шеъри классикӣ низ доништа мешаванд, инчунин масъалаҳои марбут ба қофия ва радиф дар фаслҳои алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашида мешуданд, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.

5. Дар саҳифаҳои 164- 165 диссертант бо овардани намунаҳои абёте танҳо таъкид мекунад, ки дар ҳар яке аз ин байтҳо андарзе, ҳикмате, андешаҳои расои тарбиявӣ - ахлоқие ҷой доранд. Ба назари мо, агар ҳадди ақал қабл аз зикри чунин абёт ба таври куллӣ мавзӯи меҳварии ҳар яке аз онҳоро дақиқ менамуд, таснифоти қобили таваҷҷуҳе дар шинохти мавзуоти маснавиҳои Низомӣ ҳосил мегардид. Баробари ин, агар ҷанбаҳои ирфонии афкори тарбиявии Низомӣ, хоса зуҳури мазомини орифона дар заминаи эҷоди симоҳои асосии достонҳо низ таҳқиқ мешуд, арзиши рисола боз ҳам бештари мегардид.

6. Дар рисола баъзе ғалатҳои услубӣ, имлоӣ, техникӣ ба чашм мерасанд, ки islоҳи онҳо барои афзудани ҳусни забони таълифот нақши муассир мегузоранд.

Албатта, қайду эродҳои зикргардида ҳаргиз ба арзишу аҳамияти илмии диссертатсия таъсир намегузоранд ва аксарин онҳо ба ҳукми пешниҳод манзур гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна ба яке аз мавуоти муҳими адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, маҷмуи масъалаҳои меҳварии таҳқиқот дар ҷараёни таълифи он ҳаллу фасл гардиданд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, пурру мувофиқат намуда, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмӯъ 8 ададро ба вуҷуд овардаанд, пурра таҷассум мекунанд.

Ба таври куллӣ метавон таъкид дошт, ки Диссертатсияи Соқиева Парвина ба мавзуъ ва масоили мавриди баррасишавандае, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ муқаррар шудааст, ба таври комил мувофиқат дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

Муқарриз
доктори илми филология, дотсенти
кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович
11 ноябри соли 2022

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797
емайл: nurali74@mail.ru

Имзои Нуров Нуралӣ Норовичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Наврӯзов Эҳсон
«14» ноябри соли 2022.

**Суроға**
**735700**, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
**шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;**
**e-mail: rector@hgu.tj** Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj